# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафаров Ҷ.М. дар мавзӯи: “Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, - шаҳри Душанбе, 2026. -150 саҳ.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиноснома ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ва самти таҳқиқот мутобиқи шиносномаи ихтисосҳои Муассисаи давлатии “Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба ихтисоси - Илмҳои тиббӣ, ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, соҳаи таҳсил ба зербанди 3.1.- шаклҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии ҷараёни эпидемикии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои муайян намудани сабабҳо, шароит ва механизми инкишофи он; зербанди 3.8. – Таҳия ва такмили асосҳои илмӣ, методӣ ва ташкили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ мутобиқат мекунад.

Тамоми муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия вазифаҳои гузошташударо инъикос намуда, асоснок ва мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бармеоянд.

2. **Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Тибқи маълумотҳои СУТ, тақрибан панҷ миллиард нафар дар саросари ҷаҳон аз бемориҳои паразитӣ азият мекашанд.

Нематодозҳо (аскаридоз ва энтеробиоз) аз ҳама бештар паҳн гардидаанд, шумораи гирифторшудагони ин шаклҳои беморӣ зиёда ду миллиардро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ҳамасола зиёда аз сад ҳазор беморон аз оризаҳо мефавтанд.

Ascaris lumbricoides дар байни 70 фоизи аҳолии Осиё ва Океания, 13 фоизи сокини Амрико ва ҳавзаи Кариб ба қайд гирифта шудааст, шумораи беморон дар байни аҳолии Африқои ҷанубии Сахара (8%) ва сокинони Аврупо аз 10 % зиёд нест.

Яке аз паёмадҳои клиникии аҳамиятноки гелминтоз дар синни кӯдакӣ метавонад бо тағйироти гематологӣ, аз ҷумла ҳолатҳои камхунӣ, алоқаманд бошад.

Чун дар аксари кишварҳои минтақа, дар Тоҷикистон бештар: «нематодозҳо паҳн гаштаанд, ки барангезандаҳои онҳо кирмҳои мудаввар (нематодҳо) мебошанд ва роҳи асосии интиқоли онҳо тавассути фазлавӣ-даҳонӣ мебошад». Дар байни ҳамаи кирмҳои ин гуруҳ бештар аскаридоз, энтеробиоз ва трихосефалёз маъмуланд.

Ҳатто бо назардошти маълумоти оморӣ оид сатҳи гирифторшавӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ аз рӯи баъзе паразитозҳо нишон медиҳад, ки масъала барои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дорад: «ба 100 ҳазор аҳолӣ: 2,7 - лямблиоз; 21,0 - аскаридоз; 23,3 - энтеробиоз; 4,0 - гименолепидоз». Бо такя ба ҳамин далелҳо метавон хулоса кард, ки ин нишондиҳандаҳо муҳимияти масъалаи паразитозҳоро барои низоми тандурустӣ муайян мекунанд.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар дисертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муқаррар карда шуд, ки дар байни кӯдакон дар ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи миёнаи одамоне, ки ба бемориҳои гелминтӣ гирифтор мешаванд, аз 1 фоиз зиёд буда, дар як сол аз 50 ҳазор нафар зиёд нест. Исбот карда шуд, ки ҳадди аксар гирифтории гелминтозҳо дар байни кӯдакони аз 4 то 14 сола ба қайд гирифта шудааст. Дар деҳот зиёда аз ¾ ҳодисаҳои гирифтори гелминтозҳо дар давраи кӯдакӣ руй медиҳанд.

Муайян карда шуд, ки дар шаҳри Душанбе вазни қиёсии кӯдакони гирифтори бемориҳои гелминтӣ аз ҳисоби умумии ҷумҳурӣ аз 2 фоиз зиёд

нест. Кӯдакони деҳот 2,5 маротиба бештар гирифтори бемории гелминтӣ мебошанд. Зуд-зуд гирифтор шудан ба гелминтозҳо аз теъдоди кӯдакони оила вобаста аст, кӯдакони оилаҳои серфарзанд нисбат ба оилаҳои хурд 2,1 маротиба зиёдтар гирифтори гелминтозҳо мебошанд.

Қайд карда мешавад, ки дар тасвири клиникии гелминтозҳо синфҳои бемориҳое, ки ба «аксуламалҳои аллергикӣ» хосанд - 72,3%, "ихтилоли системаи ҳозима" 75,3% бартарӣ доранд. Муайян карда шудааст, ки нишондиҳандаи баландтарини беморшавӣ барои кӯдакони гирифтори аскаридоз, пас энтеробиоз ва гименолепидоз хос аст. Таъсири гелминтҳо ба нишондиҳандаҳои хосиятҳои физикӣ ва химиявии эритроситҳо муайян карда шудааст.

Муқарароти барои ҳимоя пешниҳодшуда аз се бахш иборат аст. Ҳар як бахш натиҷаҳои таҳқиқоти дар ҳар як вазифаи диссертатсия зикршударо мухтасар инъикос мекунад.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Мушкилоти гирифторшавии аҳолӣ бо паразитҳо, бахусус гелминтҳо, яке аз мушкилотҳои муҳимтарин ва таъхирнопазир буда, ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, зеро ин синфи бемориҳо роҳи хеле васеъи интиқол доранд.

Бояд гуфт, ки ин проблема дар миқёси минтақавӣ, аз ҷумла мушкилиҳои он ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, зеро таҳлили маълумоти адабии сарчашмаҳои байналмилалӣ дар сатҳи зарурӣ то ҳол ба таври муассир омӯхта нашудааст.

Дар асоси муҳимияти масъалаи гелминтозҳо бо дарназардошти гуногунии ҷараёни клиникӣ вобаста ба намуди барангезанда, шабоҳати алоимҳои клиникии сироятҳо, вазнинии оқибатҳо ва паразитизми дарозмуддати барангезандаҳо, ки дар заминаи онҳо дар аксари ҳолатҳо тағйироти реологӣ, биохимиявӣ, ситологӣ, тағиротҳои гомеостатикӣ дар

бадани кӯдакон, омӯзиши ҳолати параметрҳои гомеостаз дар шаклҳои гуногуни барангезандаҳои ин беморӣ сари вақт ҳисобида мешавад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Сафаров Ҷ.М. аз руи накшаи монографӣ сохта шуда, аз муқаддима, 2 боби таҳқиқоти худ, хулоса, пешниҳодҳо ва номгуи адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар 150 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, бо 5 расм ва 26 ҷадвал тасвир шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 179 сарчашмаи илмӣ, аз ҷумла 139 русӣ ва 40 хориҷиро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ ососнок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум**, ки ба сифати баррасии адабиёт таъин шудааст, муаллиф 179 сарчашмаи илмиро, ки микёси масъаларо равшан нишон медиҳанд, омӯхта ва таҳлил кардааст. Маълумоти муосир дар бораи гелминтозҳо дар кӯдакон, хусусиятҳои эпидемиологӣ ва клиникии онҳо, омилҳои хавф, ташхис, ва пешгирӣ оварда шудааст.

**Дар боби дуюм**, "Мавод ва усулҳои таҳқиқотӣ", муаллиф хусусиятҳои эпидемиологӣ ва клиникии беморони таҳқиқшударо пешниҳод мекунад. Хусусан, тавсифи маводи клиникӣ, усулҳои таҳқиқот, микёсҳои арзёбӣ, коркарди оморӣ ва таҳлили натиҷаҳо тавсиф шудаанд.

**Дар боби сеюм** таҳлили муқоисавии бемориҳои паразитӣ дар байни минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Инчунин омилҳои ба паҳншавии гелминтозҳо таъсиррасонро маълум намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки зиёд шудани дараҷаи ошкоркунӣ ба шароити зиндагонии аҳолӣ низ вобаста аст. Дар байни ин гуруҳи омилҳо шумораи аъзоёни оила, шароити манзил, хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъминоти молиявӣ аҳамияти калон дорад. Вобаста бар ин паҳншавии гелминҳо вобаста аз теъдоди аъзоёни оила, шароити зиндагӣ ва сатҳи доройӣ дар оила маълум карда шуд. Аксар вақт ба гелминтозҳо кӯдакони оилаҳои серфарзанд гирифтор мешуданд. Кам шудани шумораи

кӯдакон дар оила далели тамоюли кам шудани шумораи гирифтори кӯдакон ва калонсолон буд. Дар он оилаҳое, ки шумораи аъзоёни оила 4-6 нафарро ташкил медод, сатҳи беморшавӣ қариб ду маротиба камтар буда, сатҳи пасттарини гелминтозҳо дар он оилаҳое буд, ки шумораи аъзоёни онҳо 1-3 нафарро ташкил медод. Маълум гардид, ки накши шароити зиндагӣ ва сатҳи дороӣ дар оила ба зуд-зуд гирифтор шудан ба бемории гелминтӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, ин имкон медиҳад бигӯем, ки сарвати оила ҳар кадар зиёд бошад, шумораи фарзандони солим зиёд мешавад. Дар баробари ин, шумораи кӯдакони сироятшуда дар муқоиса бо оилаҳои дорои сатҳи хеле паст ду маротиба камтар аст.

**Боби чорум** ба омӯзиши хусусиятҳои клиникӣ ва гематологии кӯдакони гирифтори гелминтозҳои рӯдавӣ бахшида шудааст. Аксарияти гелминтҳо дар бадани кӯдакон, чун қоида, бо аломатҳои гуногуни клиникии ғайримуқаррарӣ мегузаранд. Ҷараёни тасвири клиникии кӯдакони гирифтори гелминтозҳои рӯдавӣ ду маҷмуаи асосии аломатҳоро нишон медиҳанд, ки аломатҳои аксуламалҳои аллергӣ ва ихтилоли ҳозима мебошанд.

Аз тарафи муаллиф таҳлили таъсири омилҳои ба паҳншавии гелминтҳо таъсиррасонанда гузаронида шудааст. Кӯдакони гирифтори бемориҳои гелминтӣ бо мавҷудияти баъзе одатҳои бад, ки метавонанд сироятро интиқол диҳанд, тавсиф карда шудаанд. Инҳо одатҳои монанди хоидани ашёи сахт (нӯги қалам ва ручка ва ғ.) ва газидани нохунҳо мебошанд, ки дар ҳар як сеюм кӯдак рух медиҳанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки одатҳои бад дар вобастагии этиологӣ накши ҷиддӣ надоранд, вале набояд фаромӯш кард, ки мавҷудияти онҳо дар байни кӯдакон, ки ҳоло муайян нашудааст, дар оянда метавонад боиси зиёд шудани хатари воридшавии паразитҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи ҳаёт дар ин кӯдакон гардад.

Инчунин муносибати байни вазнинии омилҳои рафтор ва эҳтимолияти сирояти гелминтҳо муайян карда шудааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти нишондиҳанаҳои хун мавҷудияти тағйироти муайяни динамикаи баъзе нишондиҳандаҳои ҳаҷми хуни артериалӣ, вобаста ба намуди гелминтҳо, мавҷуд будани фарқи гендериро дар баъзе нишондиҳандаҳо маълум сохтанд. Мутобиқат ё тамоюли афзоиши қиматҳои миёнаи нишондодҳои гуногуни ҲХА нисбат ба арзишҳои истинодӣ барои давраи кӯдакӣ ошкор карда шуд.

**Дар боби панҷум,** "Шарҳи мухтасари натиҷаҳои таҳқиқот", натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шуда, натиҷаҳои муаллиф бо натиҷаҳои нашрияҳои ахир дар ин мавзӯъ муқоиса карда мешаванд.

Хулоса аз чор банд иборат буд, пурра бо вазифаҳои таҳқиқотии изҳоркардаи муаллиф мувофиқат мекунанд ва ноил шудан ба онҳоро нишон медиҳанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Ин таҳқиқот аз сабаби раванди ҳамаҷонибаи байнисоҳавӣ ба омӯзиши гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон дар минтақаи мушаххас аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Аҳамияти таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои бадастоварда, тафсир ва муҳокимаҳои назариявии онҳо, ҷанбаҳои методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёни таълимии донишгоҳҳои тиббӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии ин таҳқиқот дар коҳиш додани гирифторшавии кӯдакон ба гелминтозҳо, беҳтар кардани сифати ёрии тиббӣ ва таҳияи барномаҳои пешгирикунанда, ки бо ин васила ба беҳтар шудани саломатии ҷамъиятӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии беморон мусоидат мекунанд, мебошад.

Аҳамияти иқтисодӣ дар коҳиш додани хароҷоти табобат ва барқарорсозӣ тавассути пешгирии барвақт ва беҳсозии равандҳои ташкилӣ дар соҳаи тандурустӣ, инчунин истифодаи самараноктари захираҳои системавӣ мебошад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаҳои чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ нашр шудаанд, 1 дастури таълимӣ - методӣ таҳия шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Ҳамаи бахшҳо мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторбандӣ шудаанд ва матн бодиққат аз ҷиҳати хатогиҳо ва дуршавӣ аз меъёрҳо дида баромада шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович дар мавзӯи «Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**

Директори МД «Маркази ҷумҳуриявии
пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории

ВНМО ва гепатитҳои парентералии
вирусӣ, номзади илмҳои тиббӣ Сатторов С.С.

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
кучаи Ҳусейнзода, хонаи 12, ҳуҷраи 108
Тел.: (+992) 918-61-01-06
E-mail: s.safar@inbox/ru
«09» 06 2026

Имзои Сатторов С.С. -ро «тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои МД «Маркази
ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар
зидди бемории ВНМО ва гепатитҳои
парентералии вирусӣ Акбарова Э.В.
«09» 06 2026

Суроғаи муассиса:
734026. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ 48
+(99237) 234-33-43
E-mail qou @ipovszrt. tj

«09» 06 2026